**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзӯи «Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба масъалаҳои пажуҳиш ва омӯзиши воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ) бахшида шудааст.

Дар замони муосир забони ҳозираи тоҷикӣ ва илми забоншиносӣ ба дараҷае рушд ёфта истодааст, ки ҳатто воҳидҳои хурдтарини забонӣ низ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Сабаби омӯзиш ва таҳқиқи чунин воситаҳои забонро ҳамбастагии мубодилаи афкор ва равобити байналмилалӣ ташкил медиҳад ва ҳамчунин дар ин росто робитаи забонҳо ва равобити адабӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқони дохиливу хориҷиро бештар ҷалб намудааст. Бинобар ҳамин таҳқиқоти мазкур ба мавзӯи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ бахшида шуда, яке аз **масъалаҳои мубрами** забонӣ муаррифӣ мешавад. Осори Садриддин Айнӣ дорои вижагиҳои луғавӣ, морфологӣ ва грамматикии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ мебошад, ки таҳаввулоти гуногуни маъноӣ ва услубии забони тоҷикиро пурра муайян мекунад.

**Нововарии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки аввалин таҳқиқоти мушаххас ва фарогири шаклҳои гуногуни воҳидҳои забонӣ ҳамчун воситаҳои забонии тасвири бадеӣ буда, тавассути ифодаи баён дар матни бадеӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Ҳадафи илмии кори диссертатсионӣ** таҳқиқ ва баррасии вижагии воситаҳои забонии тасвирии бадеӣ, қонунияти корбурди онҳо, ҳунари суханварии адиб, ифоданокии тасвир, услуби сухан, истифодабарӣ ва муҳиммияти онҳо бо назардошти муқоисаи онҳо бо муодилҳои тарҷумавӣ дар забони англисӣ, шинохт ва таснифи фарқият ва умумияти забонҳои мавриди таҳқиқ дар ин самт муаррифӣ мешавад. Баҳри ноил гаштан ба мақсади гузошташуда як қатор вазифаҳоро муаллифи диссертатсия назди худ гузоштааст, ки инҳоянд:

- муайян намудани воситаҳои забонии тасвири бадеӣ бо мафҳум ва навъҳои мухталифи забонӣ;
- таҳлили воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар чаҳорчӯбаи «тасвири забони бадеӣ»;

- таҳлили морфологӣ ва синтаксисии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори Садриддин Айнӣ;
- баррасӣ намудани воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи он дар забони англисӣ;
- тавсиф намудани вижагиҳои воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори Садриддин Айнӣ;
- муайян намудани бардошти адиб аз гӯишу лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар ифодаи тасвири бадеӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ;
- таҳқиқи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ҳамчун воситаи навтарини илми забоншиносӣ;
- таҳқиқи маҳорати тасвирофарӣ дар осори Садриддин Айнӣ;
- таҳлили истифодабарӣ аз воситаҳои гуногуни луғавии забон дар тасвири бадеии осори Садриддин Айнӣ.

**Объекти таҳқиқоти** мазкур воситаҳои забонии тасвири бадеӣ буда, вижагиҳои забонию услубии дорои ҳисси баланди маънавӣ ва ҷаззобиятро нишон медиҳад.

**Предмети мавзуъ** шаклгирии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ва аҳамияти онҳо дар осори Садриддин Айнӣ ва муқоиса бо муодилҳои тарҷумавии он ба забони англисӣ мебошад.

Дар рисола асосан **усули** таҳлили хронологӣ, таҳлили луғавию маъноӣ, таҳлили сохторӣ, методи таҳқиқи типологӣ, муқоисавии таърихӣ ва методи муқобалавӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар рафти омӯзиши воситаҳои забонии тасвири бадеӣ усули таҳлили матн, таҳлили ҷузъҳои таркибӣ ва таҳлили услубӣ низ истифода бурда шудааст.

Дар **хулосаи диссертатсия** муҳаққиқ бардошти худро хеле муфассалу дақиқ ва равшану возеҳ ифода намудааст.

**Натиҷагириҳои таҳқиқот** барои равшан намудани воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ва ҳамгуниву фарқияти онҳо дар забонҳои мавриди таҳқиқ метавонанд барои пажуҳишҳои минбаъда кӯмак расонанд.

**Маводи диссертатсияро** метавон дар курси забони адабии тоҷик, курсҳои махсус дар факултаҳои филология, дар мураттаб намудани луғати тафсирии забони тоҷикӣ ва истилоҳоти махсуси воситаҳои забонии тасвири бадеӣ, инчунин зимни таълифи дастурҳои таълимӣ оид ба таърихи забони адабии тоҷикӣ, грамматика ва лексикаи забони адабии тоҷик мавриди истифода қарор дод.

**Тавсияҳои амалии таҳқиқоти** мазкур дар он аст, ки натиҷаҳои ин тадқиқотро дар корҳои таҳқиқу пажӯҳиш ва раванди таълими фанҳои соҳавии макотиби олӣ дар курсҳои лексионӣ, семинарҳо дар самти

услубшиносӣ ва забоншиносии муқоисавӣ, маъношиносӣ ва луғатшиносӣ истифода менамоянд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мутобиқат менамояд.

Ҳамин тавр, диссертант Ғафорова Таҳмина Сатторовна вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ҳаллу фасл кардааст, барои таълиф кардани чунин таҳқиқот осори зиёд ва ба мавзӯъ алоқамандро мутолиа намудааст.

Дар автореферати диссертатсияи мазкур баробари комёбиҳои зиёд баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегарданд;
2. Забони рисола равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасанд.

Камбудиҳои ишорашуда ба арзиши илмию амалии таҳқиқоти анҷомёфта таъсири манфӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия ва 8 мақолаи диссертант, ки 7-тои он дар маҷаллаҳои тавсиягардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, пурра мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд. Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Ғафорова Таҳмина Сатторовна дар мавзӯи «Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)», ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳо аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор аст.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филология,
муаллими калони кафедраи
забонҳои Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ Бобоева Мадина Маруфовна

Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони
академикҳо Раҷабовҳо 10а
Тел.: +992 881881470
e-mail: madiba82@mail.ru

Имзои Бобоева Мадина Маруфовнаро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ Қодирзода Н.Ҳ.
«30» ноября соли 2023